"Тасдиқ мекунам"

Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. ________

"__27__" __05__ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пешниҳод гардидааст, мувофиқ мебошад. Муҳтаво ва равиши таҳқиқ низ ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотии Ҷиёнзода Зулфия яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замони муосир мебошад,

зеро донишҷӯён ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа дар рушди иқтисодиёт, илм, фарҳанг, пешрафти давлат, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ободии ҷомеа саҳми арзанда мегузоранд. Вобаста ба ин, муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, вазифадоранд, ки роҳҳои инноватсиониро дар соҳаи маориф ҷустуҷӯ намоянд ва ба рушди касбӣ ва шахсияти донишҷӯён таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Маҳз ҳамин мулоҳизаҳо унвонҷӯро водор сохтаанд, ки мавзуи мубрам «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» -ро ба ҳайси таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намояд. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки инноватсияҳо дар соҳаи маориф ба азхудкунии арзишҳои башардӯстона нигаронида шуда, барои баланд бардоштани сифати таълим, рақобатпазирӣ, рушди устувори шахс ва ҷомеа, инчунин, тарбияи таҳаммулпазирӣ ва ҳисси масъулият мусоидат мекунанд. Дар ин замина, низоми таҳсилоти олии касбӣ шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муҳим арзёбӣ намуда, ба ташаккули шахсият ва рушди қобилиятҳои инфиродии онҳо мусоидат мекунад. Дарки нақши донишҷӯён таваҷҷуҳро ба таъмини дастгирӣ, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар раванди муносибатҳои мутақобилаи «устод-шогирд» равона намуда, зарурати таҳияи консепсияи идоракунии фаъолияти таълимӣ ва роҳбарии гурӯҳҳои донишҷӯёнро ба миён меорад, ки дар ниҳоят ба татбиқи арзишҳои ахлоқӣ мусоидат менамояд.

Унвонҷӯ барои ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот фарзияро омода намудааст, ки мухтавои он ба ошкор, муайян ва асоснок кардани имконият ва неруи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, татбиқи принсипи фарҳангмувофиқӣ бо мақсади худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён, мундарича ва технологияҳои фанҳои таълимӣ барои технологикунонии консепсияи

педагогии фаъолияти донишҷӯён, меъёрҳои татбиқи бомуваффақияти барномаи идоракунии педагогии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ (ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба навоварӣ, эҷодкорӣ, боваринокӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулиятнокӣ) нигаронида шудааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи ватанӣ бахшида шудааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқоти олимону педагогҳои шинохтаи кишвар рӯйи кор омадааст. Муқаррароти назариявии таҳқиқ бо такя ба таҳлилу арзёбии ҳамаҷонибаи адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ, инчунин, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба таври илмӣ асоснок гардидаанд.

Дар диссертатсия натиҷаҳои санҷиши таҷрибавии ҳолати ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои муқоисавӣ тавассути диаграммаҳо ва нишондиҳандаҳои таҳлилӣ ба таври возеҳ инъикос шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ, инчунин, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар асоси санҷишу озмоишҳои педагогӣ ва истифодаи маҷмуи методҳои таҳқиқотӣ сатҳи ташаккули шахсияти

донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян карда шуд, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаро собит менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷӯ оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назариявӣ-илмӣ дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳимаш, адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад. Махсусан, таҳлилҳои дар зербандҳои якум ва дуюми боби якуми диссертатсия овардашуда оид ба асарҳои олимон пояи илмӣ дошта, далелнок ва боварибахш мебошанд. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ худи унвонҷӯ низ хулосаҳои мантиқан илмӣ баровардааст.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқот амсилаи мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ таҳия гардида, амали муштараки омилҳоеро инъикос намудааст, ки раванди таълимиро мукаммал месозанд. Инчунин, дар таҳқиқот дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ карда шуда, таърифи мафҳумҳои калидӣ дар заминаи дигаргуниҳо ва пешравиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дода шуданд, ба монанди: «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқии тарбия», «шахсияти донишҷӯён» ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ «тамоюли худмубрамсозӣ», «фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» ва ғайра. Ҳамзамон, асосҳои педагогии хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шуданд: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба иннватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулияшиносӣ ва ғайра.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар такмили асосҳои назариявию методологии ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ифода меёбад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд барои рушди назарияи педагогикаи муосир, фарҳанги инноватсионӣ ва тарбияи шахсияти рақобатпазир мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-методӣ, шаклу усулҳои самараноки ташаккули фарҳанги инноватсионӣ ва худмубрамсозии донишҷӯён дар раванди таълим зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус, семинарҳо ва тренингҳои педагогӣ васеъ истифода шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои он метавонад ба ташаккули ҷаҳонбинии муосир, рушди тафаккури эҷодӣ, баланд гардидани фаъолнокии иҷтимоӣ ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, таҳқиқ барои тарбияи шахсияти мустақил, масъулиятшинос ва рақобатпазир дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Маводди таҳқиқ метавонад ҳангоми таҳияи монографияҳо, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ ва барномаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги инноватсионӣ ва рушди шахсияти донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода гардад.

Маводди пешниҳодгардида метавонад ҳангоми таҳияи монографияҳо, мақолаҳо ва асарҳои илмӣ оид ба ташаккули шахсияти

донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин, зимни омода намудани барномаҳо, дастурҳо ва маводди таълимӣ-методии марбут ба рушди фарҳанги инноватсионӣ ва худмубрамсозии донишҷӯён мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда, интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз ҷониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин, истифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла, усулҳои эмпирикӣ, арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғайра, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба миён омаданд, ташкил мекунанд.

Инчунин, барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн, усули баҳодиҳии ташхисӣ, усули банақшагирии самараноки озмоишҳо, пурсиш, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ истифода шуданд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин, сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқ, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд ва барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда иборат мебошад. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баъзе фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таҳқиқи мазкур дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии “Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф”, “Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон”, “Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” ва дар маҷмуаи мақолаҳои конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Шумораи умумии ин мақолаҳо ба 10 адад мерасад, ки аз ҷумла 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае ба табъ расидаанд, ки дар рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин, аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст. Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявӣ-методологии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» аз ду фасл иборат буда, дар он масъалаҳои марбут ба муносибати анъана ва инноватсия дар соҳаи фарҳанг ва маориф, инчунин нақши технологияҳои

инноватсионӣ ҳамчун падидаи муҳимми фарҳангӣ ва таълимӣ мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин боб унвонҷӯ Ҷиёнзода Зулфия ба таври асоснок таъкид менамояд, ки фарҳанг на танҳо падидаи мураккаби иҷтимоӣ, балки омили муҳимми рушди ҷомеа, ташаккули маънавият ва камолоти инсон ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифз ва рушди фарҳанг ҳамчун вазифаи муҳимми ҷомеа аҳаммияти хосса касб намуда, барои нигоҳдории пайванди таърихӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ замина фароҳам меорад.

Ҳамзамон, дар ҷараёни азхудкунии фарҳанг тавассути низоми таҳсилот шахсият тадриҷан ташаккул ёфта, ҳадафу арзишҳои он бо манфиат ва талаботи ҷомеа ҳамоҳанг мегарданд. Аз ин лиҳоз, мақсаду вазифаи асосии таҳсилот дар ташаккули шахсияти фарҳангӣ ифода меёбад, ки он тавассути ошно намудани фард бо арзишҳои илм, санъат, ахлоқ, ҳуқуқ ва иқтисодиёт амалӣ карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки унвонҷӯ мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар ҳамбастагӣ бо анъанаҳо арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки дарки анъанаи фарҳангӣ на ҳамчун хусусияти дар тули асрҳо шахшуда, балки ҳамчун як механизми фаъоли рушдёбандаи фарҳангӣ бармеояд. Анъана дар ҷараёни таърихӣ ҳамчун механизми муҳими интиқоли таҷрибаи ҷамъшуда аз насл ба насл амал мекунад. Ин механизм имкон медиҳад, ки арзишҳо, меъёрҳо ва намунаҳои рафтор, ки барои устувории ҷомеа заруранд, ҳифз ва такмил дода шаванд.

Боби дуюми диссертатсия «**Муайян намудани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ**» унвон дошта, дар он дастгоҳи илмии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҳия гардида, гояи асосии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён

ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст. Таҳлили методологӣ ва назариявии мавзуъ ба унвонҷӯ имкон додааст, ки диалектикаи анъана ва инноватсия дар фарҳанг ва маориф, ҷойгоҳи технологияҳои инноватсионӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян карда шавад ва мафҳумҳои калидӣ аз қабили «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқӣ», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ва ғайра тавсиф карда шаванд. Мафҳумҳои «ҷомеаи инноватсионӣ», «шахсияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ» низ аҳаммиятнок арзёбӣ шуданд. Самти таҳқиқ аз фаъолияти инноватсионӣ ба таҳлили сифатҳои шахсиятӣ равона шуда, дар бораи тарбияи шахсияти аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъол сухан меравад. Дар заминаи таҳлили назариявӣ, муносибати муаллиф ба масъалаи ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар он ҷараёни таълим ҳамчун фазои фарҳангӣ, ки ба рушди эҷодии шахсият мусоидат мекунад, муайян карда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Татбиқи шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ»** натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидаи муаллифи диссертатсия оид ба санҷиши самаранокии шароити педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муфассал пешниҳод, таҳлил, арзёбӣ ва натиҷагирӣ карда шудааст. Муҳаққиқ дар ин боб меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди хислатҳои шахсиятии донишҷӯён, ҳолати ибтидоии мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ амалӣ намудааст. Дар ҷараёни баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллиф сатҳҳои раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони

барандагони фарҳанги инноватсионӣ аз ҷиҳати илмӣ ошкор ва асоснок намудааст. Дар таҳқиқ бо истифода аз методҳои меъёрӣ дараҷаи ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, таҳаммулпазирӣ, худмубрамсозӣ, масъулиятшиносӣ, худрушддиҳӣ, худтакмилдиҳии донишҷӯён мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо далелҳои боварибахш тавсиф карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо мисолҳо, тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя гардидааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола, хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, тибқи талаботи мавҷуда омода карда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш мувофиқат менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошад. Ҷиёнзода Зулфия дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба

мавзуи диссертатсия маъруза хондааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии диссертант ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқи диссертатсионӣ.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар диссертатсия камбудиҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ васеътар кушода дода нашудааст;

2. Унвонҷӯ сатҳи ташаккул ёфтани мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор намудааст, вале пешниҳодҳо ҷиҳати тақвият бахшидани масъалаи мазкур мушаххас нестанд;

3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, аз ҷумла, камбудиҳо дар саҳифабандӣ ва риоя нагардидани қоидаҳои дурусти кӯчонидани калимаҳо аз як сатр ба сатри дигар дар саҳифаҳои ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар гардидани сифати таҳия ва талаботи корҳои илмӣ зарур мебошад (масалан: Боби дуюм дар мундариҷаи диссертатсия дар саҳифаи 53 нишон дода шудааст, аммо худи боб аз саҳифаи 52 шуруъ мешавад. Дар боби сеюм низ чунин хатой дида мешавад.);

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ба чашм мерасанд (дар саҳифаҳои 32, 34, 42, 140, 144);

5. Дар диссертатсия ақидаҳои олимони даврони соҳибистиқлолӣ кам ба назар мерасанд, ҳол он ки дар он бояд на кам аз 30 фоизи андешаҳои олимони даврони соҳибистиқлолии кишвар инъикос ёбанд;

6. Дар диссертатсияи мазкур номи олимони соҳа, аз ҷумла, Нуров А., Лутфуллоев М. ва дигарон зикр гардидаанд, аммо ақидаҳо, назарияҳо ва хулосаҳои илмии онҳо ба таври кофӣ мавриди таҳлил ва истифода қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки андешаҳои илмии олимони мазкур бо таҳлилу баррасии амиқтар дар муҳтавои

диссертатсия инъикос карда шаванд. Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳаммияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна мураттаб гардидааст. Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Ҷиёнзода Зулфия иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 10 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, бетараф - нест, муқобил - нест. Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25.05.2026, №10 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои география,
мудири кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Қодиров Ш. С.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Қаюмова Ҳ.Т.

**Котиби ҷаласа:** Нураҳмадзода Д.

Имзоҳои Қодиров Ш.С., Қаюмова Ҳ.Т. ва Д. Нураҳмадзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Юсупова Б. Ғ.

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6;
Тел: +992 (37) 2 32 50 00, 2 32 87 30, 2 32 50 05;
**E-mail:** dbzkht.tj